***УДК 327.7***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-4-183-190***

# ***РАВАНДҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҶРИБА, ДАСТОВАРД ВА НАҚШИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

***Рустамзода Завқиддин Рустам***, *н.и.сиёсӣ, дотсент, декани факултети педагогика ва филологияи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ***ДЕМОКРАТИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ОПЫТ, ДОСТИЖЕНИЯ И РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ***

***Рустамзода Завкиддин Рустам,*** *канд.полит. наук, доцент, декан факультета педагогики и филологии ГУ «Худжандский международный институт» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана (Худжанд, Таджикистан)*

# ***DEMOCRATIC PROCESSES IN TAJIKISTAN: EXPERIENCE, ACHIEVEMENTS AND THE ROLE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS***

***Ruztamzoda Zavkiddin Rustam***, *candidate in Politics, docent, dean of the faculty of pedagogy and philology under the SI "Khujand international Institute" of International University of tourism and entrepreneurship of Tajikistan (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *mr.zavqiddin@mail.ru*

*Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар ташаккули институтҳои демократӣ аз нигоҳи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва шарҳ дода шудааст. Таъсири созмонҳое чун СММ, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо ба раванди ташаккул ва рушди институтҳои демократӣ дар кишвар таҳлил гардидаанд. Ҷанбаҳои асосӣ, аз ҷумла механизмҳои дастгирии ислоҳот, ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин арзёбии натиҷаҳои ислоҳот баррасӣ шудаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавии ташаббусҳои бомуваффақияти Тоҷикистон тамоюлҳои умумӣ ва хусусиятҳои хосе муайян карда шудаанд, ки самараи ёрии байналхалқиро дар соҳаи демократикунонӣ муайян мекунанд. Дар асоси таҳқиқ зарурати муносибати маҷмуӣ ва ҳамоҳангсозии талошҳои фаъолони байналмилалӣ ва миллӣ барои ноил шудан ба тағйироти устувор дар рушди демократии кишвар пешниҳод гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *созмонҳои байналмилалӣ, институтҳои демократӣ, ислоҳоти конститутсионӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳдидҳои сиёсӣ, рушди устувор*

*С позиции конституционных реформ исследована роль международных организаций в формировании демократических институтов в Республике Таджикистан. Проанализировано влияние влиятельных организаций: ООН, ОБСЕ и Европейского союза - на процесс становления и развития демократических институтов в стране. Рассмотрены ключевые аспекты, включая механизм поддержки реформ, сотрудничество с местными органами власти и институтами гражданского общества, а также дана оценка результатов проведённых преобразований. На основе сравнительного анализа успешных инициатив Таджикистана выявлены общие тенденции и специфические особенности, определяющие эффективность международной помощи в сфере демократизации. По итогам исследования обоснована необходимость комплексного подхода и координации усилий международных и национальных акторов для достижения устойчивых изменений в демократическом развитии страны.*

***Ключевые слова:*** *международные организации, демократические институты,*

*конституционные реформы, гражданское общество, политические вызовы, устойчивое развитие*

*From the perspective of constitutional reforms, the role of international organizations in the formation of democratic institutions in the Republic of Tajikistan is examined. The influence of influential organizations—the UN, the OSCE, and the European Union—on the process of formation and development of democratic institutions in the country is analyzed. Key aspects are examined, including the reform support mechanism, cooperation with local authorities and civil society institutions, and an assessment of the results of the reforms carried out is given. Based on a comparative analysis of Tajikistan's successful initiatives, general trends and specific features that determine the effectiveness of international assistance in the field of democratization were identified. The study substantiates the need for a comprehensive approach and coordinated efforts of international and national actors to achieve sustainable changes in the country's democratic development.*

***Key-words:*** *international organizations, democratic institutions, constitutional reforms, civil society, political challenges, sustainable development*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пасошуравӣ раванди ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои демократии худро аз сар мегузаронад. Дар ин раванд саҳми субъектҳои дохилӣ ва байналмилалӣ назаррас мебошад. Хусусан саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар дастгирӣ ва пешбурди ислоҳоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон назаррас мебошад, ки ба заминасозиву таҳкими демократия ва ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд.

Дар замони гузариш созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СММ, САҲА ва ЮСАИД дастрасии кишвари моро ба захираҳои коршиносӣ фароҳам оварданд ва ҳамчунин маблағгузории зарурииро барои татбиқи бомуваффақияти ислоҳоти сиёсӣ дар Тоҷикистон таъмин карданд. Дар фаъолияти хеш созмонҳои номбурда ба кишварҳо барои мутобиқ кардани таҷрибаи пешқадам ба шароити маҳаллӣ кӯмак мерасониданд ва ин амали онҳо дар гузариш хеле муҳим буд, зеро воқеияти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои мазкур аз меъёрҳои демократияи ғарбӣ хеле фарқ мекард.

Аз он ҷумла созмонҳои сиёсии байналхалқӣ дар амалӣ намудани принсипҳои демократӣ дар шароити Тоҷикистон саҳми назаррас доранд. Барои мисол дар асоси кӯмаки машваратӣ ва дастгирии молиявии Маркази СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Идораи САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро дар ҷумҳурӣ таъмин намояд. Дар ин самт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерини аввалиндараҷаро ба таври тадриҷӣ амалӣ намудааст:

- барқарор намудани мақомоти қонунгузор ва идоракунӣ, сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои иҷрои вазифаҳо, татбиқи тадбирҳои ҳифзи шаъну шараф ва амнияти аҳолии ҷумҳурӣ;
- риояи ҳуқуқу озодии шаҳрвандон мувофиқи принсипҳо, ки дар Ҳуҷҷати хотимавии Маҷлиси машваратӣ оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Баёнияи Париж ва дигар шартномаҳои байналхалқӣ муайян карда шудаанд;
- ба шаҳру деҳоти худ баргардонидани гурезаҳо, таъмини аҳолӣ бо сарпаноҳ, сару либос, озуқа, сӯзишворӣ ва энергия, анҷом додани корҳои барқароркунии объектҳои харобшуда;
- ҳал намудани масъалаҳои иқтисодӣ ва ислоҳоти он, барқарор намудани корхонаҳо, муассисаҳо, хоҷагиҳо, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, инкишофи соҳибкорӣ, кӯмак ба ташаккули соҳибкории хурду миёна;

– мувофиқи барномаҳои махсус гузаронидани ислоҳоти кишоварзӣ, низоми молия, кредит ва банк, истифодаи захираҳои табиӣ, тарбияи насли нави кадрҳо, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба муносибатҳои бозаргонӣ гузарондани иқтисодиёти ҷумҳурӣ [3, с.110].

Пас аз бадастории истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи инкишофи демократиро пеша намуд. Албатта, дар раванди демократикунонӣ ва таҳкими унсурони он дар кишвар нақши созмонҳои байналхалқии сиёсӣ назаррас аст. Дар аксари маврид дар Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунгузории кишвар он унсурони демократие инъикос шудаанд, дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва Оинномаҳои созмонҳои сиёсии байналхалқӣ ифода ёфтаанд. Хусусан меъёрҳое, ки ба ҳуқуқҳои сиёсии инсон, ташкили ҳокимияти мардумӣ, таъмини волоияти қонун, ташкили интихоботи шаффофу демократӣ, плюрализми сиёсӣ, фаъолияти озоди ВАО ва ғайра дахл доранд, аз ҳуқуқи байналхалқӣ сарчашма мегиранд. Дар шароити имрӯза ба инобат гирифтан ва амалӣ намудани онҳо масъулияти муҳимми Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналхалқии сиёсӣ ба шумор меравад.

Дар ин маврид зарур мешуморем, ки бархе аз меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқиро, ки ба ташаккули унсурҳои низоми демократӣ дар кишвари мо заминасоз шудаанд, баррасӣ намоем.

Дар моддаи 21-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар чунин омадааст «Ҳар як инсон ҳақ дорад, бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд. Иродаи халқ бояд асоси ҳокимияти ҳукумат бошад; ин ирода бояд ба воситаи интихоботи давра ба давра ва бидуни сохтакорӣ, ки дар сурати мавҷудияти ҳаққи интихоботи умумӣ ва баробар бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ ё тавассути шаклҳои дигари баробар, ки овоздиҳии озодонаро таъмин менамоянд, ба амал бароварда мешавад» [4].

Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Созмони Милали Муттаҳид (2 марти соли 1992) шуд, ки оғози ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар бунёди давлат, сулҳ ва рушди ниҳодҳои демократӣ буд.

СММ тавассути ниҳодҳои махсуси худ - пеш аз ҳама Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP), Дафтари Комиссари олии ҳуқуқи башар (OHCHR), ЮНИСЕФ ва UNFPA - дар дастгирии ислоҳоти конститутсионӣ ва институтсионалӣ, ки ба риояи принсипҳои волоияти қонун, ҳуқуқи башар ва идоракунии хуб нигаронида шудаанд, нақши калидӣ бозид.

Лоиҳаҳои Барномаи рушди СММ дар соҳаҳои ислоҳоти судӣ, такмили қонунгузорӣ ва афзоиши дастрасӣ ба адолат махсусан муҳим буданд. Ин ташаббусҳо заминаи муҳимро барои тақвияти механизмҳои демократӣ ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ фароҳам оварданд.

***Ҷадвали 1. Лоиҳаи Барномаи рушди СММ «Тақвияти волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат дар Тоҷикистон»***

| № | Номи лоиҳа | Strengthening the Rule of Law and Access to Justice in Tajikistan - Тақвияти волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат дар Тоҷикистон |
|---|---|---|
| 1 | Асоси шартномавӣ | Созишномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (1993, барои давраҳои 2014-2022 ) |
| 2 | Мақсади лоиҳа | Тақвияти волоияти қонун, афзоиши дастрасӣ ба адолат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар заминаи тағйироти демократӣ |
| 3 | Самтҳои асосии ҳамкорӣ | 1) Дастгирии ислоҳоти конститутсионӣ ва муассисаҳои ҳуқуқӣ;<br>2) Такмили низоми судӣ ва омӯзиши кадрҳо;<br>3) Таъсиси низоми ёрии ҳуқуқии ройгон; |

| | | |
|---|---|---|
| | | 4) Баланд бардоштани шаффофияти судӣ ва ҳисоботдиҳии ҳукумат. |
| **4** | Шарикони миллӣ | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олӣ, Суди Конститутсионӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон |
| **5** | Натиҷаҳои асосӣ | - Самаранокии низоми судӣ ва ҳуқуқӣ;<br>- Таъсиси Марказҳои дастгирии ҳуқуқии шаҳрвандон;<br>- Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи инсон дар мурофиаҳои судӣ;<br>- Тақвияти ҳамкорӣ байни мақомоти судӣ ва қонунгузор. |
| **6** | Шарикони байналхалқӣ | Барномаи рушди СММ, Иттиҳоди Аврупо, Ҳукумати Швейтсария ва Нидерландия |
| **7** | Саҳми созмон дар рушди институтҳои демократӣ | Мусоидат ба рушди низоми мустақили судӣ, васеъ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва тақвияти механизмҳои идоракунии конститутсионӣ |

Дар самти расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон бо кумаки Барномаи рушди СММ ва дигар шарикони рушд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми июли соли 2015, №425 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуд. Барои татбиқи Консепсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 2015, №704 Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби шарикони рушд дастгирии молиявӣ мешавад, ташкил ёфт. Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, муайян кардани модели самаранок ва камхарҷтар оид ба ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа, инчунин муқаррар кардани механизми муносиб барои расонидани ёрии ҳуқуқии ихтисосноки дуюмдараҷа таъсис дода шудааст. Тибқи омори марказ дар 6 моҳаи аввали соли 2022 ба 48804 нафар аҳолии мамлакат ёрии ҳуқуқии ройгон расонида шудааст [5].

Созмони дигаре, ки барои рушди институтҳои демократӣ ва озодии баён кумак мекунад – ин Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мебошад. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) фаъолияти худро дар Тоҷикистон соли 1994 пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ оғоз кард. Самти асосии фаъолияти он сулҳсозӣ, демократикунонӣ, ҳуқуқи инсон ва ислоҳоти идоракунӣ буд.

Ин созмон тавассути сохторҳои худ, асосан Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе ва Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (САҲА/ДИИҲБ), ба шарики калидии байналмилалӣ дар рушди низоми интихоботӣ, тақвияти парламентаризм ва такмили меъёрҳои конститутсионӣ, ки принсипҳои демократиро инъикос мекунанд, табдил ёфт.

***Ҷадвали 2. Барномаҳои аз тарафи САҲА ва зерсохторҳои он амалишуда ҷиҳати ташаккули ниҳодҳои демократӣ ва ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Номи барнома | Мазмун ва натиҷаи ҳамкорӣ |
|---|---|
| Самтҳои асосии фаъолият | Пешбурди идоракунии демократӣ, рушди институтҳои парлумонӣ, афзоиши шаффофияти интихобот ва ҳифзи ҳуқуқи инсон. |
| Асосҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ | – Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА (1994);<br>– Барномаҳои солонаи фаъолияти Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе;<br>– Ҳамкорӣ бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ. |

| | |
|---|---|
| Лоиҳаҳо ва ташаббусҳои асосӣ | 1. Democratic Governance and Electoral Reform Project – Идораи демократӣ ва лоиҳаи ислоҳоти интихоботӣ.<br>2. Support to Parliament and Political Dialogue - дастгирии фаъолияти парлумонӣ ва муколамаи озод.<br>3. Human Rights and Gender Promotion Programme – Барномаи ҳуқуқи инсон ва мусоидати гендерӣ.<br>4. Constitutional Reform Consultations – дастгирии коршиносон ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия (2003, 2016). |
| Шарикони миллӣ | Маҷлиси намояндагон, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, Вазорати адлия, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон. |
| Шаклҳои ҳамкорӣ | – Машварат бо коршиносон оид ба ҳуқуқи интихоботӣ ва конститутсионӣ;<br>– Ташкили муҳокимаҳои оммавӣ ва форумҳои парлумонӣ;<br>– Омӯзиши нозирон ва ҳуқуқшиносони миллӣ;<br>– Нашри гузоришҳои таҳлилӣ оид ба интихобот ва ислоҳот. |
| Натиҷаҳои асосӣ | – Тартиби назорати интихобот ҷорӣ карда шуд;<br>– Шаффофияти раванди интихобот афзоиш ёфт;<br>– Коршиносони миллӣ оид ба қонунгузории интихоботӣ омӯзонида шуданд;<br>– Тақвияти ҳамкорӣ байни парлумон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. |
| Шарикони байналхалқӣ | САҲА, Ассамблеяи Парлумонии САҲА, Намояндагии Иттиҳоди Аврупо, Барномаи рушди СММ. |
| Давраи татбиқи лоиҳа | Аз соли 1994 то инҷониб |
| Саҳми созмон дар рушди институтҳои демократӣ | – Беҳтар кардани низоми интихобот ва намояндагӣ;<br>– Тақвияти нақши парлумон ва гуногунии ҳизбҳо;<br>– Афзоиши иштироки занон ва ҷавонон дар сиёсат;<br>– Рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳисоботдиҳии институтсионалӣ. |

Санади хотимавии Ҳелсинкӣ низ меъёрҳои зиёди демократиро барои давлатҳои аъзои САҲА муқаррар намудааст. Аз он ҷумла, дар банди 7-уми ин санад чунин омадааст: «Давлатҳои аъзо ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосиро бо шумули озодии андеша, виҷдон, дин ва ақида барои ҳама бе гузоштани тафовут дар нажод, ҷинс, забон ва дин эҳтиром мекунанд. Онҳо амалисозии самарабахши ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигареро, ки аз шарафи шахсияти инсон падид меоянд ва барои пешравии озод ва комили ӯ муҳим мебошанд, ташвиқ мекунанд ва инкишоф медиҳанд» [6, с. 198]. Меъёрҳои ҳуқуқии санади Ҳелсинкӣ дар таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии кишвари мо назаррас мебошад.

Инчунин, ин созмон ба чунин паҳлуҳои демократикунонӣ, ба монанди рушди ниҳодҳои демократӣ, озодии виҷдон ва баён, ҳуқуқу озодиҳои инсон, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, муҳиммияти нақши воситаҳои ахбори мустақил, ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, рушди низоми судии мустақил, моратории ҳукми қатл, озодиҳои динӣ, таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳандагӣ дар низоми сиёсӣ, баргузории интихоботҳо ва дигар масъалаҳои алоқаманд бо низоми демократӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт.

Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон ҳамчун минбар барои муколамаҳои кушод, баҳсҳои мавзуӣ ва омӯзишҳои махсус хизмат намуда, миёни сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ сатҳи маърифати ҳуқуқиро боло мебарад. Ҳадаф аз ин фаъолият мусоидат ба

татбиқи самараноки афзалиятҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои Стратегияи миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон мебошад. Дар ин раванд, таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои озод будан аз шиканҷа ва ҳар гуна муносибати золимона, таъмини баробарӣ ва пешгирии табъиз, ҳимояи ҳуқуқи шахсони дорои маълулият ва инчунин ҳуқуқ ба манзили муносиб равона карда мешавад.

Бар замми ин, Дафтари барномаҳо ба ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон дар масъалаи манзил хизматрасонии ройгони ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад. Ин ниҳод ҳамчунин бо Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ алайҳи шиканҷа ва беҷазоӣ дар самти ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагон ҳамкорӣ ба роҳ мондааст.

Дар самти ҳифзи ҳуқуқи занон Дафтари барномаҳо ба масъалаи зӯроварӣ дар оила эътибори ҷиддӣ дода, дар 17 минтақаи гуногуни Тоҷикистон Марказҳои захираҳои занон ташкил намудааст. Дафтари барномаҳо ба ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ дар минтақаҳо тавассути шабакаи 14 МЗЗ-и аз ҷониби САҲА таъсисёфта дар ҳамкории зич бо мақомоти маҳаллӣ дастгирии ҳамаҷониба мерасонад. Фаъолияти марказҳо дар доираи лоиҳаи «Дастгирӣ ва таҳкими марказҳои захиравии занон дар Тоҷикистон»-и Дафтари барномаҳои САҲА, ки аз ҷониби Норвегия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Финландия, Иттиҳоди Аврупо, Андорра ва Олмон маблағгузорӣ мегардад, татбиқ карда мешавад [7].

Ба назари мо, фаъолияти САҲА ва махсусан Дафтари барномаҳои он дар Тоҷикистон дар самти таҳкими низоми демократӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дорои аҳаммияти назаррас мебошад.

Созмони Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир дар таҳкими низоми ҳуқуқӣ, рушди институтҳои демократӣ ва такмили механизмҳои конститутсионии идоракунӣ нақши муҳим бозида истодааст. Rule of Law Initiative in Central Asia - Волоияти қонун дар Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин лоиҳаҳои шарикӣ ба ҳисоб меравад, ки бо ҳадафи густариши волоияти қонун, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқи инсон ва мусоидат ба ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ шудааст. Ин ҳамкорӣ ба такмили қонунгузорӣ, боло бурдани малакаи кадрҳои давлатӣ ва густариши идоракунии шаффоф мусоидат намуд.

***Ҷадвали 3. Лоиҳаи Волоияти қонун дар Осиёи Марказӣ***

| **Номи лоиҳа** | **Rule of Law Initiative in Central Asia -** Волоияти қонун дар Осиёи Марказӣ |
|---|---|
| Асосҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ | Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (2004) |
| Ҳадафи лоиҳа | Рушди волоияти қонун ва такмили механизмҳои конститутсионии идоракунӣ |
| Самтҳои асосии фаъолият | 1) Дастгирии Комиссияи ислоҳоти Конститутсия (2016);<br>2) Коршиносии ташаббусҳои қонунгузорӣ;<br>3) Таҳсили вакилони мардумӣ ва ҳуқуқшиносон. |
| Шарикони миллӣ | Маҷлиси намояндагон, Вазорати адлия, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Натиҷаҳои асосӣ | – Ҷорӣ гардидани унсурҳои назорати парлумонӣ;<br>– Такмили қонунгузории марбут ба ҳуқуқи инсон;<br>– Васеъ гардидани дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии ройгон. |
| Давраи татбиқи лоиҳа | 2009–2015 |
| Манбаи маблағгузорӣ | Шурои Аврупо |
| Саҳми созмон дар рушди институтҳои демократӣ | Тақвияти принсипҳои тақсимоти ҳокимият, ҳифзи ҳуқуқи шахсият ва баланд бардоштани шаффофияти идоракунӣ |

11 июни соли 2024 Конференсияи минтақавии хотимавии Лоиҳаи муштараки Иттиҳоди Аврупо ва Шурои Аврупо оид ба «Волоияти қонун дар Осиёи Марказӣ» дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид. Ҳадафи ин ҳамоиш ҷамъбасти натиҷаҳо дар давраи татбиқи лоиҳа аз соли 2020 то 2024 буд. Дар ҷараёни татбиқи худ лоиҳа беш аз 190 чорабиниро роҳандозӣ кард, ки дар онҳо аз таҷрибаи нодири Шурои Аврупо дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва демократия истифода шуд. Ин чорабиниҳо аз экспертизаи қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ, таҳияи маводи таълимии махсус, барномаи баланд бардоштани иқтидори мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, баргузории конфронсҳои мавзуӣ, семинарҳои маърифатафзо ва мубодилаи таҷриба дар сатҳи минтақавӣ иборат буданд. Сатҳи баланди иштироки кишварҳо ва натиҷаҳои бадастомада бори дигар нишон доданд, ки лоиҳа барои шарикони Осиёи Марказӣ хеле мубрам ва зарур мебошад [8].

Хулоса, дар ташаккул ва рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нақши созмонҳои сиёсии байналхалқӣ чун СММ, САҲА,  БРСММ ва дигарон назаррас мебошад. Зери таъсири созмонҳои сиёсии байналхалқӣ тағйироти ҷиддӣ дар низоми сиёсии кишвари мо ба вуҷуд омад. Аз он ҷумла, тақвияти низоми интихоботӣ, фаъол гардидани ВАО, тағйирот дар низоми судии кишвар, қабули мораторияи ҳукми қатл, фароҳам намудани имкониятҳо баҳри таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, боз намудани институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, рушди худидоракунии маҳаллӣ ва дигар механизмҳои демократӣ дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои сиёсии байналхалқӣ имконпазир гардиданд.

Маблағгузории созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқиислоҳоти конститутсионӣ нақши калидӣ дорад. Бонки ҷаҳонӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ барои таҳияи қонунгузорӣ ва баргузории маъракаҳои оммавӣ барои баланд бардоштани огоҳии мардум аз муқаррароти нав грантҳо ва қарзҳо ҷудо мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки шаҳрвандон дар раванди ислоҳот бештар иштирок кунанд.

Сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда мисолҳои бомуваффақият амалӣ намудани ислоҳоти конститутсионӣ бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ мавҷуданд. Масалан, барномаҳои такмили маърифати ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар мусоидат намуданд. Чунин ташаббусҳо нишон медиҳанд, ки дастгирии байналмилалӣ чӣ гуна метавонад ба рушди устувори равандҳои демократӣ мусоидат кунад.

Ислоҳоти конститутсионӣ, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ дастгирӣ мешаванд, метавонанд ба рушди устувори Тоҷикистон саҳми назаррас гузоранд. Таъсиси институтҳои демократӣ барои рушди иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ шароит фароҳам меорад.

Нақши созмонҳои байналмилалӣ дар ташаккули институтҳои демократӣ тавассути ислоҳоти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас ва гуногунҷанба аст. Таъсири онҳо тавассути дастгирии коршиносон, кӯмаки молиявӣ, мониторинги равандҳо ва ташкили платформаҳои муколама зоҳир мешавад. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷудаи сиёсӣ, мисолҳои бомуваффақияти татбиқи ислоҳот аҳамияти ҳамкории байналмилалӣ дар ин самтро тасдиқ мекунанд. Рушди устувори институтҳои демократӣ шарти зарурии расидан ба субот ва шукуфоии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2016. - 126 с.*
2. *Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, № 332 [Матн]. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www. mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii- tojikiston (санаи муроҷиат 06.08.2025).*

3. *Рахмон Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. [Текст] Э. Рахмон. – Душанбе, 2006. – С. 570.*
4. *Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Матн]. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf (санаи муроҷиат 06.11.2024).*
5. *Сомонаи расмии "Маркази ёрии ҳуқуқии ройгон". [Манбаи электронӣ]. URL: https://salac.tj/about/history.php (санаи муроҷиат 08.08.2025)*
6. *Хельсинкский Заключительный акт [Текст]. [Электронный ресурс]. URL: http/osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (санаи муроҷиат 09.09.2025).*
7. *Сомонаи расмии Дафтари барномаҳои САҲА дар Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.osce.org/tg/programme-office-in-dushanbe/508688 (санаи муроҷиат 10.09.2025)*
8. *Сомонаи расмии Барномаи «Волоияти қонун дар Осиёи Марказӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: https://pjp-eu.coe.int/en/web/central-asia/tajikistan/ (санаи муроҷиат 15.09.2025).*

**REFERENCES:**

1. *Constitution of the Republic of Tajikistan [Text]. -Dushanbe, 2016. -126 pp.*
2. *Foreign Policy Concept of the Republic of Tajikistan dated January 27, 2015, No. 332 [Text]. [Electronic resource]. URL: https://www. mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (date of appeal 06.08.2025).*
3. *Rahmon E. Independence of Tajikistan and the Revival of the Nation. [Text] E. Rahmon. - Dushanbe, 2006. - PP. 570.*
4. *Universal Declaration of Human Rights [Text]. [Electronic resource]. URL: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf (date of appeal: 06.11.2024).*
5. *Official website of the "Free Legal Aid Center". [Electronic resource]. URL: https://salac.tj/about/history.php (date of appeal: 08.08.2025)*
6. *Helsinki Final Act [Text]. [Electronic resource]. URL: http/osce.org/files/f/documents/0/c/39505_1.pdf (date of appeal: 09.09.2025).*
7. *Official website Programme of the OSCE Office in Tajikistan. [Electronic resource]. URL: https://www.osce.org/tg/programme-office-in-dushanbe/508688 (date of appeal: 10.09.2025)*
8. *Official website Programme of the Rule of Law in Central Asia. [Electronic resource]. URL: https://pjp-eu.coe.int/en/web/central-asia/tajikistan/ (date of appeal: 15.09.2025).*